**Суратмаҷлиси № 53**

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-068 назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

аз "2" 04 соли 2024 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2022, № 306 тасдиқгардида, 14 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест. Пешниҳод якдилона ҷонибдорӣ карда шуд.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Раҳмонова Дилрабо Искандаровна дар мавзуи «Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забони адабии ҳозираи тоҷик дар муқоиса бо забони англисӣ (дар асоси осори насрии С. Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ.

**Шунида шуд:**

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи эскпертии шурои диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор Турсунов Ф.М., аъзои комиссияи экспертӣ, д.и.ф., профессор Раҳматуллозода С.Р., ва д.и.ф., профессор Баротзода Ф.К. баромад намуданд. (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Раҳмонова Дилрабо Искандаровна дар мавзуи «Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забони адабии ҳозираи тоҷик дар муқоиса бо забони англисӣ (дар асоси осори насрии С. Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 –

Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. **Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:**

- **Юсупова Зарина Розиқовна** – доктори илми филология, профессори кафедраи забон ва адабиёти руси Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

- **Шарифова Адолатхон Шарифовна** – номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи забонҳои Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон.

3. **Ба сифати муассисаи пешбар:** Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои ДДОТ ба номи С.Айнӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 10.06.2024 сол соати 15:00 таъйин карда шавад.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология,
профессор — Ҷаматов С.С.

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ, номзади
илми филология, дотсент — Каримова Д.Н.